# ҚАРОРИ

**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 17 январи соли 2025, №54** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қодирзода Фарҳод Анвар, доктори фалсафа PhD- Молия, и.в. дотсент Яқубзода Маъруф Садруддин, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., д.и.и., профессор Шариф Р., д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С. ва аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и. профессор Раҳимзода Ҳ.Р., Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Раҳматов Умед Раҷабович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Раҳматов Умед Раҷабовичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Фақеров Ҳ. Н.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Убайдуллоев Ф.К.

17 январи соли 2025.